«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор
_______________ Ғаффорӣ Н.У.
«_28_» _10_ с. 2020

**Хулоса**

**аз кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба рисолаи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович «Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих ихтисоси 07.00.02. – таърихи Ватан**

Рисолаи илмӣ дар мавзӯи **«Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)»** дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти № 5/5.4. аз 21 декабри соли 2018 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики доншгоҳи номбурда иҷро шудааст.

Рисола дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷик аз 28 октябри соли 2020 таҳти протоколи №4 муҳокима шудааст.

Обидов Рустам соли 2016 факултети таърихи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси таъриху архившиносӣ хатм намудааст.

Дар давраи тайёрии рисола аз соли 2018 инҷониб Обидов Рустам дар кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба сифати унвонҷӯ фаъолият дорад. Дар ин муддат, аз соли 2018 инҷониб дар вазифаи бойгоншиноси калон дар филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор фаъолият мекунад.

Обидор Рустам дар асоси **Шаҳодатномаи №04/214 аз 23 октябри соли 2020** ДДОТ ба номи С. Айнӣ имтиҳоноти минимуми худро аз фанни таърихи фалсафа ва илм ( 21.05.2019) баҳои 4(хуб); забони англисӣ (26.10.2019) баҳои 4 (хуб).

Роҳбари илмӣ –Муҳиддинов Саидалӣ Раҷабович доктори илмҳои таърих, профессори факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон мебошад. Кафедра аз рӯи натиҷаи дида баромадани рисолаи Обидов Р. **«Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)»** барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи 07.00.02. – Таърихи Ватан хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

**Иштироки бевоситаи унвонҷӯ ҳангоми қабули натиҷаи рисола.** Рисолаи илмии Обидов Рустам **«Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)»** тадқиқоти мустақилона анҷомдодашуда мебошад.

**Мубрамияти масъалаи таҳқиқшаванда**. Мавзӯи мазкур ба далелҳои зерин муҳим диниста мешавад:

- дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бойгониҳо яке аз институтҳои муҳими таъминкунандаи ҳифзи боигарии зеҳнии миллат ҳисоб меёбанд;
- имрӯз таваҷҷӯҳи мардум нисбати таърихи дур ва наздики кишвари хеш меафзояд. Ин омил боиси он гаштааст, ки минбаъд бойгониҳои давлатӣ бояд ба муассисаҳои дастраси умум табдил ёбанд;
- дар шароити муосир маҳз бойгониҳо ҳамчун манбаи омӯзишӣ имконият медиҳанд, ки мутахассисон бештар ба ин манбаъҳо рӯй оварда, саҳифаҳои норавшани таърихи кишварро равшан намоянд;
- бойгонӣ макони инкишофу рушди илми таърих ва пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ мебошад.

- хазинаи филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор қисми таркибии хазинаи миллии бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Дараҷаи таҳқиқоти рисола.** Дар хусуси фаъолияти бойгониҳои давлатии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ ва соҳибистиқлолӣ, ҳамчунин дар бораи Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Ҳисор аз ҷониби муаллифони мухталиф як қатор мақолаву асарҳо ба чоп расиданд, ки муаллиф онро ба панҷ гурӯҳ ҷудо кардааст. Дар онҳо таърихи пайдоиш, рушди босуръат ва таркиби хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор беғаразона ва холисона таҳлил гардидаанд.

Обидов Р. дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ зиёда аз 130 сарчашмаҳои бойгонӣ, асарҳою мақолаҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, осори бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор мебошад. Унвонҷӯ ахбори сарчашмаҳоро бо натиҷаҳои таҳқиқоти донишмандони ватаниву хориҷӣ қиёс карда, хулосаҳои мустақилонаи худро пешниҳод намудааст.

Аз ҷумла омӯзиши мавзӯи мазкур дар асарҳои донишмандони рус Верховский П.В., Вяликов В. И., Голубов С.Н., Елпатьевский А.В., Корнева М.И. ва дигарон, муаррихони тоҷик Асроров М., Қаҳҳоров А., Лангарӣ Ҷ., Мирсаидова Д., Муҳиддинов С., Мардон Р. ва дигарон пажӯҳиш карда шудаанд.

Дар рисола сарчашмаҳои таърихии асосан дар бораи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор таълифгардида роҷеъ ба мавзӯи мазкур истифода гардидааст, ки дар пойгоҳи сарчашмашиносии

таҳқиқот таҳлил гардидааст. Истифодаи ин сарчашмаҳо ба ҳамдигар дар доираи муқоиса санҷида шудаанд.

Иштироки бевосита ва мустақилонаи унвонҷӯ оид ба натиҷагирии рисолаи мазкур дар он аст, ки ба ӯ муяссар гардид, ки манбаъҳо ва сарчашмаҳои асосиро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳад. Натиҷаҳои илмии рисолаи мазкур дар мақолаҳо ва конференсияҳо мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таърихи тавлид ва ташаккули Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор нахустин бор мавриди тадқиқоти илмӣ дар ҳаҷми рисола қарор дода шудааст. Дар асоси сарчашмаҳо ва навтарин асарҳои илмӣ нахустин бор Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор ва мавқеи истифодабарии он дар асри XX ва ибтидои асри XXI омӯхта шуда, моҳияти таърихии истифодаи ин маркази ҳуҷҷатҳои муқаддас мавриди пажӯҳиш қарор дода шуд.

Дар рисола заминаҳои ташаккулёбии бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор таҳлил карда шудааст. Муаллиф дар рисола заминаҳои таърихии пайдоиши бойгониҳоро дар Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин фароҳамоварӣ, таркиби хазинаҳо, истифодабарӣ ва усулҳои нигаҳдории ҳуҷҷатҳои филиали бойгонии марказии давлатиро дар ш. Ҳисор инъикос кардаст. Дар чунин шакл ҳамчун рисолаи илмӣ аввалин маротиба мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявии кор** дар он зоҳир мегардад, ки дар он ба таври комплексӣ вобаста ба проблемаи ба миёнгузошта асарҳои илмии олимон ва мутафаккирони рус ва ватанӣ ба таври объективона аз рӯйи принсипи таърихӣ бо такя ба факту далелҳои таърихӣ омӯхта шудааст.

Ба он таҳлили назариявии асарҳои илмии П.В.Верховский, С.Н.Голубов, К.Г.Митлеев, М.И.Корнева, Е.М.Тельман, В.В. Максаков, Г.М.Горфейн, Л.Е.Шепелев, А. Қаҳҳоров, И.А.Акрамов, Ш.Неъматова ва дигар муҳаққиқон дар таърихнигории рус ва ватанӣ мисол шуда метавонанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки рисолаи мазкур минбаъд дар таҳияи таърихи навтарини халқи тоҷик, бахусус омӯзиши таърихи ноҳияҳои Ҳисор Шаҳринав ва Турсунзода истифода гардида, маводи рисоларо метавон дар ихтисосҳои таърих ва таъриху бостоншиносӣ ҳамчун курсҳои тахассусӣ истифода кард.

Ба унвонҷӯ муяссар гардидааст, ки фикру ақидаи худро роҷеъ ба омӯзиши ояндаи проблемаи мазкур изҳор намояд. Асосан аз ӯҳдаи мақсадҳои дар пеш гузоштаи худ оид ба омӯзиши бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор баромада тавонистааст.

Сохтори рисола аз муқаддима, ду боб бо 8 зербоб иборат буда, дар охир хулоса ва рӯйхати сарчашмаю адабиёти истифодашуда нишон дода шудааст.

Рисолаи илмии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи **««Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)»** аз рӯйи мазмун, предмет ва методи таҳқиқот ба ихтисоси Таърихи ватан – 07.00.02. мутобиқат мекунад.

**Арзиши илмии кор** дар он аст, ки унвонҷӯ тавонистааст, мавзӯи мазкурро ҳаматарафа, ба таври комплексӣ аз худ намуда, **«Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)»** дар асоси таҳлили таърихнигориву манбаъшиносӣ таҳқиқот намояд.

Муаллифи рисола саҳми олимони рус ва ватаниро дар таҳқиқоти мавзӯъ баррасӣ карда тавонистааст.

Рисолаи Обидов Р. сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Рисола кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад.

**Мухтаво ва мазмуни рисола** дар маҷаллаҳои қайди КАО Федератсияи Россия КАО Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рӯзномаву маҷаллаҳо аз чоп баромада, ҳамчунин дар маҷмӯаи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ аз чоп баромадааст.

Аз ҷумла, дар доираи мавзӯъ 3 мақолаи илмии қайди КАО Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 2 мақола дар маҷмӯаи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ як монография ва як китобча(брошюра) чоп гардид.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

1.Обидов Р.Ҳ.Заимнаҳои таърихии пайдоиши бойгониҳо дар сиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-2020.-№2(85).- Саҳ. 204-210.(дар ҳаммуаллифӣ бо С.Мухидинов).
2. Обидов Р.Ҳ.Ташкилёбии бойгониҳои байниидоравӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода //Паёми Донишгоҳи миллӣ.-2020.-№7.-Саҳ.92-97.
3. Обидов Р.Ҳ. таъмини хифз,нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали бойгонии маркazии давлаӣ дар шаҳри Ҳисор//Паёми Донигохи миллӣ.-2020.-№9.- Саҳ.113-123.
4. Обидов Р.Ҳ.Ноҳияи Ҳисор дар замони Шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол //Паёми Донишгоҳи миллӣ.-2021.-№1. – Саҳ.97-107. (дар арафаи чоп)

**Монографияҳо:**

1. Обидов Р. Ҳ.  Бойгонӣ – ганҷинаи таърих).(дар ҳаммуаллифии Ҷ.С Лангарӣ).-Душанбе: Эр-граф,2018.- 87 с.
2. Обидов Р. Саҳифаҳои таърихи бойгонидорӣ (дирӯзу имрӯз).(дар ҳаммуаллифии Ҷ.С Лангарӣ). -Душанбе: Промэкспо,2019.-176 с.
3. Обидов Р.  Бойгонӣ ҳифзкунандаи таърих. - Хисор:матбааи Ҳисор, 2019.- 152 с.

**Васоити таълимӣ:**

4. Роҳнамо (Маълумотномаи мухтасар оид ба хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор) /Мурат.:Лангари Ҷ.С.,Обидов Р.-Душанбе:Ирфон,2017.-46с.

5.Қоидаҳои асосии кори бойгонидорӣ дар бахшҳои бойгонии мақомоти иҷроия. /Мураттиб: Р. Обидов.- . -Душанбе: Промэкспо,2019.- 54 саҳ.

Рисолаи илмии Обидов Р. **«Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)»** барои дарёфти дараҷаи унвони номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси Таърих -07.00.02. ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28 октябри соли 2020 таҳти протоколи №4 бароварда шуд.

Иштирок доштанд: 25 нафар.

Натиҷаи овозҳо: тарафдор – 25

зид нест

бетараф нест

**Раисикунанда- мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**
**номзади илмҳои таърих** **Фозилова Махсуда Зулфиқоровна**

**Котиби ҷаласа** **Толипова Сайёра Шомаҳмадовна**

Имзои н.и.т. М.З. Фозиловаро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С.Айнӣ** **Назаров Д.**

Суроға : 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ-121

Телефон:+992(37) 2241383; +(992) 919148296
Почтаи эл.: tgpu.tj@mail.ru